ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, ба зарурати шинохти илмии таҳаввули шеъри муосири тоҷик, таносуби анъана ва навоварӣ, ҳамчунин, муайян намудани робитаи мазмуни фалсафию ахлоқӣ бо сохтори бадеӣ ва сабки фардии суханварон вобаста аст. Дар ин росто ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким, ки марҳилаҳои муҳими инкишофи адабиёти тоҷикро аз даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ то замони Истиқлоли давлатӣ фаро мегирад, маводди арзишманди таҳқиқ маҳсуб меёбад. Гарчанде ҷанбаҳои алоҳидаи эҷодиёти шоир дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, пайванди андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқ, воқеиятнигорӣ ва таҷдиди шаклҳои шеърӣ дар ашъори ӯ ба омӯзиши муназзаму маҷмуӣ ниёз дошт. Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин ба баррасии ҳамин масъалаҳо равона гардида, кӯшиши муайян намудани хусусиятҳои ташаккули сабки инфиродӣ ва ҷойгоҳи Аскар Ҳакимро дар ҷараёни рушди назми муосири тоҷик таҷассум менамояд.

Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин ҳамчун унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавзуи мазкурро дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедра пайгирӣ намудааст. Зимни иҷрои кор ӯ ба омӯзиши осори манзуми шоир, таҳқиқоти назариявии шеършиносӣ ва адабиёти интиқодии марбут ба мавзуъ рӯ оварда, маводди заруриро ҷамъоварӣ, муқоиса ва таҳлил кардааст. Натиҷаи ин фаъолият дар сохтори диссертатсия, таҳлили намунаҳои мушаххаси шеър ва хулосаҳои пешниҳодшуда инъикос ёфтааст.

Фаъолияти меҳнатии Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин аз Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе оғоз ёфтааст. Мавсуф аз моҳи октябри соли 2016 то моҳи августи соли 2019 дар муассисаи мазкур ба ҳайси мутахассис, методист, методисти калон ва мудири шуъбаи таҳсилот ва кор бо таълимгирандагон фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 то моҳи феврали соли 2022 вазифаи сармушовири академии факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро ба уҳда доштааст. Аз моҳи сентябри соли 2025 инҷониб ба ҳайси мутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Пайдарҳамии бобҳо ба мантиқи пажуҳиш мувофиқ буда, масъала аз баррасии заминаҳои таърихию адабӣ ва ташаккули фаъолияти эҷодии шоир ба таҳқиқи мазмуну мундариҷа ва сипас, ба таҳлили поэтикаи ашъори ӯ густариш меёбад.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқ мубрамии мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва усулҳои пажуҳиш муайян шудаанд. Ҳамчунин, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, саҳми шахсии довталаб, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва маълумот оид ба тасвибу интишори онҳо инъикос ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Ҷойгоҳи Аскар Ҳаким дар адабиёти муосири тоҷик» масъалаи ташаккул ва таҳаввули ҳунари шоирии Аскар Ҳаким дар асоси ҷараёнҳои адабии нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Аз муҳтавои боб бармеояд, ки диссертант ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии шоир танҳо аз дидгоҳи таърихӣ назар накарда, кӯшидааст, омилҳои таъсиргузор ба ташаккули ҷаҳонбинии адабӣ ва такомули сабки ӯро муайян намояд. Дар ин росто, ба робитаи таҷрибаи зиндагӣ, воқеияти иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодии Аскар Ҳаким таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, таъсири дигаргуниҳои таърихӣ ба мазмуну муҳтавои ашъори ӯ арзёбӣ шудааст. Ҷанбаи қобили таваҷҷуҳи ин боб омӯзиши ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор»-и шоир аз нигоҳи таносуби анвои шеърӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва пайдарҳамии таҳаввули эҷодист.

Боби дуюм – «Мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким» аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва натиҷагириҳои илмӣ яке аз бахшҳои меҳварии диссертатсия маҳсуб меёбад. Дар ин қисмати таҳқиқ масъалаи муносибати суннат ва навоварӣ бо ҷойгоҳи андешаи фалсафию ахлоқӣ дар шеъри Аскар Ҳаким пайванд ёфта, хусусиятҳои маънофарӣ ва мазмунпардозии шоир баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ бо такя ба намунаҳои гуногуни ашъор нишон додааст, ки навҷӯйии Аскар Ҳаким бештар дар тарзи дарки воқеият, шинохти инсон, тафсири масъалаҳои ҳастӣ ва баёни таҷрибаҳои маънавии зиндагӣ падид меояд. Дар ин маврид таваҷҷуҳи муаллиф ба моҳияти андешаҳои ҳикматомез, масъалаҳои некию бадӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва масъулияти инсон дар назди ҷомеа қобили арзёбист. Дар умум, боби мазкур барои шинохти амиқтари ҷаҳонбинии Аскар Ҳаким ва муайян намудани хусусиятҳои андешавию маънавии ашъори ӯ аҳаммияти назаррас дорад.

Дар боби сеюм – «Поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким» таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳунари суханварӣ ва роҳу воситаҳои таҷассуми андешаи шоирона равона гардидааст. Арзиши илмии ин бахш дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои марбут ба сабку

услуб, санъатҳои бадеӣ, сохтори шеъри озод ва воқеиятнигорӣ дар иртибот бо хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури эҷодии Аскар Ҳаким мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Диссертант дар ҷараёни таҳлили матнҳои шеърӣ кӯшидааст, ки вазифаи ҳунарии воситаҳои тасвир, таъсири онҳо ба ифодаи маъно ва нақши унсурҳои поэтикиро дар ташаккули сабки инфиродии шоир муайян намояд. Дар баррасии шеъри озод, пеш аз ҳама, имкониятҳои ин шакли шеър барои баёни андешаҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ, озодии сохторӣ ва муносибати оҳангу маъно ба назар гирифта шудаанд.

Асосноки ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба истифодаи осори аслии Аскар Ҳаким, бахусус, ҷилдҳои якум ва дуюми «Маҷмуаи осор», муқоисаи ашъори давраҳои гуногуни фаъолияти эҷодии ӯ ва муроҷиат ба пажуҳишҳои назариявии адабиётшиносӣ такя мекунад. Дар диссертатсия усулҳои таърихию адабӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ ба кор гирифта шуда, мулоҳизаҳои муаллиф бо матнҳои шеърӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти пешин муқоиса гардидаанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мақсаду вазифаҳо ва муҳтавои бобҳои диссертатсия алоқаманд буда, хулосаҳои илмӣ аз рафти баррасии мавод бармеоянд.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба омӯзиши масъалаҳои сабкшиносӣ, поэтикаи шеъри муосир, таносуби анъана ва навоварӣ, инчунин, робитаи муҳтавои фалсафӣ бо сохтори бадеии асар мусоидат менамоянд. Аз лиҳози амалӣ бошад, хулосаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, барномаҳои фанҳои «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Сабкшиносӣ» ва «Поэтикаи шеър», дар пажуҳишҳои муқоисавии эҷодиёти шоирони муосир мавриди истифода қарор гиранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия, тибқи рӯйхати интишороти замимашуда ба кори таҳқиқӣ, нуҳ таълифоти илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин теъдод панҷ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чор мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои илмӣ интишор ёфтаанд. Ин мақолаҳо масъалаҳои марҳилаҳои ташаккули сабки шоир, муҳтавои иҷтимоию фалсафии ашъор, воқеиятнигорӣ, ҳикматомезӣ ва воситаҳои бадеии шеъри Аскар Ҳакимро фаро гирифта, муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро инъикос менамоянд. Яке аз панҷ мақолаи маҷаллаҳои тақризшаванда бо ҳаммуаллифӣ таълиф гардидааст.

Арзиши илмии таҳқиқро метавон дар чанд натиҷаи асосӣ ҷамъбаст кард. Аввал, марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули эҷодиёти Аскар Ҳаким дар заминаи воқеияти таърихию адабии замон мушаххас шудаанд. Дуюм, ҷойгоҳи масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар низоми маъноии ашъори шоир муайян гардидааст. Сеюм, шаклҳои таҷдиди анвои суннатӣ ва имкониятҳои бадеии шеъри озод дар

осори ӯ таҳлил шудаанд. Чорум, вазифаи санъатҳои бадеӣ, образофаринӣ ва воқеиятнигорӣ дар ташаккули сабки фардии шоир мавриди баррасии муназзам қарор гирифтааст.

Хулоса, диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» таҳқиқи анҷомёфтаи илмӣ буда, аз лиҳози муҳтаво, асоснокии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба талаботи муқаррарагардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия ба муқаррароти «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқат дорад. Ҳамчунин, дар барасмиятдарории он талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ» (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) риоя гардидааст. Бинобар ин, диссертатсия барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдурраҳимзода Б. А.

«04» 08 соли 2026.

Нишонии роҳбари илмӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ,
деҳаи Бурёбоф, хонаи 164.
Тел.: (+992) 904-10-85-85; E-mail: donishafzo-2025@mail.ru

Имзои Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳимро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонии муассиса: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 37 232 50 00; сомона: www.dbz.tj

«05» 08 соли 2026.